*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №115 (2942) | СЕШАНБЕ, 18 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Мулоқот бо муовини парлумонии вазири корҳои хориҷии Япония Казуюки Хамада





**14 сентябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон муовини парлумонии вазири корҳои хориҷии Япония Казуюки Хамадаро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили вобаста ба муносиботи судманди ду кишвар баррасӣ шуд.

Ҳар ду ҷониб аз татбиқи босамари лоиҳаҳои сершумори гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва нақлиётию роҳсозӣ дар Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки имкону захираҳои истифоданашуда барои густариши робитаҳо, хусусан робитаҳои иқтисодию сармоягузорӣ дар бахшҳои энергетика, истихроҷ ва коркарди сарватҳои зеризаминӣ, саноати сабуку хӯроквории ҳанӯз хеле зиёданд.

Ба гуфти Казуюки Хамада, кишвари ӯ дар доираи Гуфтугӯйи «Осиёи Марказӣ+Япония» иштироки худро дар татбиқи лоиҳаҳои зербиноии дорои аҳамияти минтақавӣ дар бахшҳои энергетика, нақлиёту роҳсозӣ, пайвастани шабакаҳои барқию нақлиётии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Афғонистону Покистон ва дигар давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ тавсеа мебахшад.

Баррасии авзои кунунӣ ва ояндаи Афғонистон, барқарорсозии ҳаёти осоишта дар ин кишвар, пеш аз ҳама, аз тариқи татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, аз мавзӯъҳои асосии суҳбат буд.

Дар мулоқот, ҳамчунин доир ба масоили байналмилалӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ табодули назар карда шуд.

***www.prezident.tj***

● Вакил ва интихобкунанда

## Интихобкунандагон аз вакилони худ қаноатманданд

**Имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мулоқоту вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфта истодааст. Ин навбат намояндагони халқ- Саиди Ёқубзод ва Мақсуда Саматова дар деҳоти «Деҳмой» - и ноҳияи Спитамен бо интихобкунандагони хеш вохӯрӣ намуданд.**

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моҳияти қонуну қарор ва санадҳои қабулнамудаи Парламенти ҷумҳурӣ дар давоми Иҷлосияи сеюм маълумот дода, иброз доштанд, ки вазифаи асосии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабули қонунҳо бо ҳадафи фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои аҳолӣ ба шумор меравад. Зикр гардид, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои фаъолияти хеш як қатор санадҳои муҳими дархӯри замонро таҳия ва қабул кардааст, ки кору фаъолият ва зиндагии аҳолии мамлакати мо дар чаҳорчӯбаи ҳамин санадҳо сурат мегиранд.

Дар мулоқот таъкид шуд, ки бештари қонуну санадҳое, ки аз тарафи намояндагон дар парлумон таҳия ва қабул мешаванд, дар асоси тавсия ва пешниҳодҳои аҳолӣ роҷеъ ба масъалаҳои гуногун омода мешаванд. Таври дигар гӯем, саҳми аҳолӣ дар таҳия ва қабули ин санадҳо ниҳоят калон аст.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвияти ҳамкориҳои байни намоянда ва интихобкунандаро яке аз омилҳои муҳими таъмини зиндагии осоишта ва ҷомеаи пешрафта дар асоси қонуну санадҳои амалкунанда арзёбӣ намуда, ҳамзамон таъкид доштанд, ки мақсади асосии баргузор намудани вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагони худ низ густариши равобити байниякдигарӣ мебошад.

Дар вохӯрӣ ҳамчунин ба масъалаи шароити кору зиндагӣ барои ақаллиятҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Тазаккур дода шуд, ки ақаллиятҳои миллии Тоҷикистон низ дар баробари тоҷикон аз ҳамаи имконоту шароити зиндагӣ бархӯрдор ҳастанд, ки ин тадбир барои тақвияти дӯстӣ ва бародарӣ байни намояндагони миллатҳои гуногуни муқими кишвари мо заминаи асосиро ба вуҷуд овардааст.

-Ободӣ ва пешрафти соҳаҳои гуногуни кишвар дар заминаи мавҷуд будани дӯстӣ ва ҳамдилӣ байни тамоми қавму миллатҳои муқими ҷумҳурӣ ба даст меояд ва хушбахтона, ин фазои муносиб дар мамлакати мо тайи солҳои охир фароҳам аст, - изҳор шуд дар мулоқот.

Бахши дигари ин вохӯрӣ ба саволу ҷавоби байни вакилон ва интихобкунандагон бахшида шуд ва сокинони деҳоти «Деҳмой» ба саволҳои худ ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

***А.САЛОҲОВ,***
***муовини мудири Шӯъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Струан СТИВЕНСОН:
## «ОН ЧӢ ДИДЕМ, ҚОБИЛИ ТАҲСИН БУД...»

**-Андешаҳои Струан Стивенсон оиди он ки чаро ӯ ба наздикӣ дар раъси як гурӯҳи аъзои Парлумони Аврупо бо мақсади шиносоӣ ба марзи Тоҷикистону Афғонистон сафар кард.**



Ин тобистон ман ба Тоҷикистон (Осиёи Марказӣ) ҳамчун роҳбари ҳайати хурди аъзои Парлумони Аврупо сафар кардам. Ҳайати мазкур дар назди худ вазифа гузошт, ки талошҳо оид ба назорати маводи нашъаовар ва мубориза бар зидди терроризмро дар сарҳади кишвар бо қисмати шимолии Афғонистон омӯзад. Бештар аз нисфи аҳолии 7,7 миллионнафараи ин мамлакате, ки дар кӯҳҳои баланди Помир қарор дорад, аз ҳисоби на беш аз 2 доллар дар як рӯз зиндагӣ мекунад ва аксарият дар хориҷи кишвар заҳмат кашида, барои хӯронидани оилаҳои камбизоати худ қисмати бештари маошашонро ба Ватан мефиристанд. Тибқи баъзе маълумотҳо, чунин интиқолҳои пулӣ 45 фоизи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Чунин сатҳи камбизоатӣ Тоҷикистонро дар назди гуруҳҳои ҷинояткор ва террористон, ки мекӯшанд, то сарҳади 800-милаи онро бо Афғонистон барои таҳвили героин ба кишварҳои ғарбӣ истифода баранд, осебпазир мегардонад. Раёсати СММ оид ба мубориза алайҳи маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ эълон менамояд, ки ҳар сол қариб 30 фоиз содироти нашъаи истеҳсоли Афғонистон бо роҳи қочоқ тавассути кишварҳои Осиёи Марказӣ ва қисмати зиёди он аз тариқи Тоҷикистон интиқол меёбад.

Зимни таваққуфи якуми мо дар пойтахти Тоҷикистон- шаҳри Душанбе мулоқоти дусоата бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барпо гардид. Эмомалӣ Раҳмон талош меварзад, то кишварашро аз камбизоатӣ тавассути ҷалби сармоягузориҳо ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ба монанди татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ дар дарёи Вахш, ки ба мусоидат ба рушди минбаъдаи иқтисодӣ равона гардидаанд, раҳоӣ бахшад. Аммо кӯшишҳои Тоҷикистон ҷиҳати ташвиқи рушди устувор доимо, бинобар ҷараёни маводи мухаддир аз ҷониби ҳамсояи наздиктарини он, камсамар мегарданд. Эмомалӣ Раҳмон аз кӯмаки молиявии Ғарб ба Тоҷикистон миннатдор аст, вале ӯ ҳис мекунад, ки мубориза ба муқобили қочоқчиён дар бештар ҳолатҳо ба эътибор гирифта намешавад ва агар бар зидди қочоқи маводи мухаддир ва терроризм муқовимати муассир бурда нашавад, миллиардҳои кӯмаки Ғарб, ки ба иқтисодиёти Афғонистон сафарбар карда мешаванд, исроф мегарданд.

Кӯмаки байналмилалии нокифояе, ки ба Тоҷикистон расонида мешавад, ҳаётан муҳим аст. Дастаи ман аз маркази нави кинологӣ дар шаҳри Душанбе боздид кард, ки он аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва Созмони Милали Муттаҳид дар ҳошияи барномаи БОМКА маблағгузорӣ шуда, дар он то 25 саг ва кинологро барои дарёфти нашъа пеш аз расидани он ба Аврупо омода месозанд.

Методҳое, ки ба мо нишон доданд, оддӣ ва самаранок буданд. Маркази БОМКА акнун имконият дорад, то курсҳои омодасозии сагҳои кинологӣ ва ташхисро дар Қазоқистон ва Ӯзбекистони ҳамҷавор гузаронад. Масъалаи калидӣ он аст, ки бояд захираҳои мавҷуда ба таври муассир бо шарикони минтақавие, ки алайҳи шабакаи интиқоли героин дар сари ҳар қадам мубориза мебаранд истифода шаванд.

Пас аз ин мо бо чархбол чандсад километр қад-қади дарёи Панҷ ба самти пули Панҷи Поён, ки дар сарҳади Афғонистон ба қарибӣ сохта шуда буд, парвоз намудем, то чораҳои мубориза алайҳи терроризм ва назорати маводи мухаддирро дар маҳал мушоҳида кунем. Моро генерал Шералӣ Мирзо- фармондеҳи қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон пешвоз гирифта, бо иншооти сарҳадӣ, олоти бузурги ташхисии Siemens X-Ray, ки барои дарёфти нашъаи пинҳонӣ дар мошинҳои боркаш ва сабукрав истифода мешавад, ошно сохт. Дар он ҷо мо кӯпруки нави 700-метраро, ки ду сол қабл аз ҷониби амрикоиҳо сохта шуда буд, убур карда, таҳти ҳимояи техникаи зиреҳпӯш ба қисми амниятии афғонӣ расидем. Генерал Шералӣ Мирзо моро ба ҳамтоёни афғони худ муаррифӣ намуд ва онҳо якҷоя ба мо дар бораи ҳамкории зиче, ки барои мубориза алайҳи қочоқчиёни нашъа зарур аст, маълумот доданд. Онҳо гуфтанд, ки танҳо ду рӯз пеш ҳангоми тирандозии дутарафаи шабона бо гурӯҳи нашъаҷаллобон ду қочоқчӣ кушта шуда, панҷ килограмм героин ва чанд силоҳи автоматӣ мусодира карда шуд. Генерал Шералӣ Мирзо гуфт, ки давоми соли равон онҳо шаш тирпарронии монандро аз сар гузарондаанд, ки натиҷаи онҳо мусодираи беш аз панҷ тонна маводи мухаддир буд ва аксари онро героин ташкил медод.

Дар 12 соли гузашта ҳар ду ҷониб беш аз 73 тонна нашъаро дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон мусодира кардаанд, аз ҷумла 31 тонна героин ва 24 тонна афюн. Афсароне, ки мо бо онҳо вохӯрдем, фахр мекарданд, ки талошҳо ва ҳушёрии онҳо дар яке аз хавфноктарин сарҳадҳои ҷаҳон тақрибан 1,4 млрд. долларро боз дошт, ки метавонист ба дасти ҷинояткорони муташаккил афтад. Бо вуҷуди таъсирбахш будани талошҳои муттаҳиде, ки аз ҷониби мо дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон мушоҳида шуданд, онҳоро боз бо захираҳои муассир ва мақсаднок, ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ расонида мешаванд, дастгирӣ намудан лозим аст, то ки бо таҷҳизоти зарурӣ, ба монанди асбобҳои рентгенӣ, дастгоҳи мониторинг ва дурбини шабона таъмин гарданд.

То он лаҳзае, ки мардум дар кишварҳои ғарбӣ нашъаи ба мисли героинро дар ҳаҷми калон харидорӣ мекунад, истеҳсолгарон дар Афғонистон бо гурӯҳҳои байналмилалии ҷинояткор ҷиҳати таъмин ва интиқоли он тавассути кишварҳои ҳаммарз ба монанди Тоҷикистон ҳамкорӣ хоҳанд намуд. Неруҳои маҳаллии амниятӣ дар роҳи манъи интиқоли ҷараёни мухаддирот тавассути сарҳадот ҷасорати бузургро барои ҳамкорӣ нишон доданд. Мо дар Ғарб бояд барои кӯмак дар татбиқи вазифаи онҳо омода бошем.

***Струан СТИВЕНСОН,***
***вакили Парлумони Аврупо.***
**Тавассути АМИТ «Ховар»**

● Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

## Кодекси нави андоз ба манфиати иҷтимоии аҳолӣ равона шудааст



**14 сентябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

**РАИС:- Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мувофиқи маълумоти пешакӣ аз 33 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ 30 нафар дар толор иштирок доранд. Бо мақсади бори дигар дақиқтар намудан аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоем, ки бо истифода аз системаи электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Ҳоло дар толор 30 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ ҳузур доранд.

Дар Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доранд. Ҳамчунин намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки ба Иҷлосия даъват шудаанд, дар толор ҳузур доранд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи моддаи 20 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС:-Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст, ки котиботи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро интихоб намоем. Оид ба ин масъала ба таваҷҷуҳи шумо матни лоиҳаи қарори зерин пешниҳод мешавад:

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи котиботи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум»

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Котиботи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум дар ҳайати зерин интихоб карда шавад:

**Раиси котибот:**

Тавакалов Абдуҷон Шарифович

**Аъзои котибот:**

Шарипов Садридин Файзиевич

Ҷангибеков Гулхоҷа.



**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Чӣ гуна таклифҳо доред? Лоиҳаи қарори зикршударо ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. *Қарор қабул шуд.* Аз аъзои Маҷлиси миллӣ, ки ба ҳайати котибот интихоб шуданд, хоҳишмандам ба ҷойҳои кориашон гузаранд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба мо лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро тасдиқ намоем. Лоиҳаи қарор оид ба ин масъала дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум»-ро ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. *Бо дарбаргирии масъалаҳои зерин қарор қабул шуд:*

**1.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**2.Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон».**

**РАИС: -Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи аввали рӯзнома - «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия муҳтарам Саидмурод Тағоев дода мешавад. Марҳамат.



**Саидмурод ТАҒОЕВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, дар Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 5 сентябри соли 2012 қабул гардидааст, дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

**(Идома дар саҳ. 2)**

## Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтар» таҳти №386 аз 1 августи соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

**Номи деҳаҳои зерини ноҳияи Бохтар:**

деҳаи Коммунизм ба деҳаи Бӯстони деҳоти Навбаҳор
деҳаи Ленин-юли ба деҳаи Баракати деҳоти Навбаҳор
деҳаи Учқун ба деҳаи Наврӯзи деҳоти Навбаҳор
деҳаи Стаханов ба деҳаи ба номи Мирзо Турсунзодаи деҳоти Заргар
деҳаи Энгелс ба деҳаи Ваҳдатободи деҳоти Меҳнатобод
деҳаи Ленинизм ба деҳаи Нури Ваҳдати деҳоти Меҳнатобод
деҳаи Калинин ба деҳаи Лолазори деҳоти Меҳнатобод
деҳаи Қизил Шарқ ба деҳаи Меҳрободи деҳоти Сарвати Истиқлол
деҳаи Марксизм ба деҳаи ба номи Лоиқ Шералии деҳоти Сарвати Истиқлол
деҳаи Якуми май ба деҳаи ба номи Ҷалолиддини Румии деҳоти Сарвати Истиқлол
деҳаи Тоҷик Баталион ба деҳаи Зарафшони деҳоти Сарвати Истиқлол тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш.Душанбе, 14 сентябри соли 2012 №418**

# Кодекси нави андоз ба манфиати иҷтимоии аҳолӣ равона шудааст



(Идома аз саҳ. 1)

Зарурати қабули Кодекси мазкур аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012, ки дар он ҷиҳати рушди иқтисодиёт андешидани тадбирҳои муассир, аз ҷумла оид ба дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд намудани маҳсулоти дохилии кишвар таъкид гардидааст, бармеояд.

Кодекси мазкур муносибатҳоро оид ба муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, инчунин муносибатҳои байни давлат ва андозсупорандаро вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз танзим менамояд.

Мақсади асосии қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав аз дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ тавассути бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини шаффофияти андозбандӣ, оммафаҳм ва содда намудани тартиби пардохти андозҳо, баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андозбандӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои рӯйпӯшкунии андоз иборат мебошад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, барои таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2011 аз ҳисоби масъулони вазорату идораҳои дахлдор, ассотсиатсияҳои бонкҳо, соҳибкорон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ Комиссияи босалоҳият таъсис дода шуда буд.

Пас аз фаъолияти пурсамари Комиссия лоиҳаи Кодекс дар Шӯрои ҳамоҳангсозии ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон ва ду маротиба дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар рафти муҳокимаи лоиҳаи Кодекси андоз аз ҷониби вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳо ва аксари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба Комиссия зиёда аз чор ҳазор таклифу дархост пешниҳод гашт, ки қисми зиёди онҳо ба инобат гирифта шуданд.

Кодекси мазкур аз 18 фасл, 50 боб ва 329 модда иборат мебошад. Дар боби 1-и он муқаррароти асосӣ, қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардани андозҳо ба таври мушаххас дарҷ гардидааст.

Боби 2 мафҳумҳои асосии дар Кодекси мазкур истифодашаванда, аз ҷумла андоз, фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ, кори кироя, фаъолияти эҳсонкорӣ, шахсони воқеӣ–резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, агенти андоз, иҷораи молиявӣ (лизинг) ва мафҳумҳои асосии дигари дар Кодекси мазкур истифодашударо дар бар мегирад.

Дар бобҳои 3 ва 4 ҳуқуқҳои андозсупоранда, ӯҳдадориҳо, тартиби татбиқи муқаррароти маъмурӣ, назорати андоз, чораҳои мубориза бар зидди саркашӣ аз пардохти андозҳо ва усулҳои алтернативии андозбандӣ ва ӯҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ҳангоми ҳамкорӣ бо мақомоти андоз ба таври пурра инъикос ёфтааст.

Дар бобҳои 5, 6, 7, 8, 9 ва 10 санҷишҳои андоз ва дигар шаклҳои назорати андоз, системаи идоракунии хавфҳо, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз дарҷ гардидааст.

Пардохт, ҷамъоварӣ ва баргардонидани андозҳо, ҷавобгарӣ, ҳалли баҳсҳо, мақомоти андоз ва андозбандии байналмилалӣ дар бобҳои аз 11 то 20 нишон дода шудааст.

Бобҳои аз 21 то 32 муқаррароти махсус доир ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қоидаҳои баҳисобгирии андоз, имтиёзҳои андоз, инчунин аксизҳоро дар бар мегиранд.

Андози иҷтимоӣ, андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, роялти барои об, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия), андоз аз воситаҳои нақлиёт, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, дар бобҳои аз 33 то 42 ба таври мушаххас дарҷ ёфтааст.

Бобҳои 43, 44, 45, 46, 47, 48, 49 ва 50 низомҳои соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ва барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона), низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ, андозбандии сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, хусусияти андозбандии корхонаҳои навтаъсис, андозбандӣ аз рӯйи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот, асосҳои андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва муқаррароти хотимавиро дар бар мегиранд.

Ҷиҳатҳои фарққунандаи Кодекси нав аз Кодекси амалкунанда ва дигаргуниҳо инҳо маҳсуб меёбанд:

1. Матни Кодекси нави андоз хеле содда ва оммафаҳм гардонида шудааст. Ин мақсад бо роҳи ворид намудани шумораи зиёди тағйироти такмилию таҳрирӣ ба даст оварда шудааст. Баъзе мухолифатҳое, ки дар бандҳои алоҳидаи Кодекси амалкунанда ҷой доштанд, аз байн бурда шуданд. Дар натиҷа матни Кодекси нави андоз 3 боб ва 49 модда кам гардид. Кодекси нав ҳоло аз 50 боб ва 329 модда иборат мебошад.

2. Мақсади гузошташуда ҷиҳати то ҳадди имкон кам намудани номгӯйи андозҳо, шумораи ҳисоботҳо ва эъломияҳо дар Кодекси нав ба даст оварда шудааст.

Номгӯйи андозҳо то 50 фоиз кам карда шуда, аз 21 намуд ба 10 намуд, аз ҷумла андозҳои умумидавлатӣ аз 17 намуд ба 8 намуд, андозҳои маҳаллӣ аз 4 намуд ба 2 намуд расонида шудааст.

Боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ, ки онҳоро қонунгузории гумрукӣ ба танзим медарорад, инчунин боҷи давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, ки онҳоро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба танзим медароранд, аз Кодекси нав бароварда шуданд.

3. Андоз аз фурӯши чакана ва андози ҳадди ақал аз даромадҳо пурра бекор карда шуданд.

4. Дар Кодекс андозҳои ба ҳам моҳиятан наздик якҷоя карда шуданд.

Аз ҷумла:

а) андози замин бо андоз аз молу мулки ғайриманқул;

б) андоз аз коркарди молҳо бо андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия;

в) роялти барои об бо андозҳои истифодабарии захираҳои табиӣ;

г) андози ҳадди ақал аз даромадҳо бо андоз аз фоида.

Аз Кодекси андоз талабот доир ба истифодабарии андози миёнаи омории музди меҳнат барои мақсадҳои андози даромад ва андози иҷтимоӣ хориҷ гардидааст.

5. Шумораи умумии эъломияҳо вобаста ба кам намудани андозҳо дар Кодекси нав 37 адад кам карда шудааст. Ин камшавӣ асосан аз ҳисоби эъломияҳои аксизҳо (24), андоз аз фурӯши чакана (12) ва дигар намудҳо ба даст оварда шудааст. Ба ҳамин монанд шумораи ҳисоботҳои алоҳида низ 14 адад коҳиш ёфтаанд.

6. Механизми андозбандии истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард куллан тағйир ёфтааст. Меъёри андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ ва таъминотӣ дар ҳаҷми 0,5 фоиз, барои дигар намуди фаъолият дар ҳаҷми 2 фоиз муқаррар гардида, ҳамзамон аз 1 январи соли 2015 барои қисмати аввал 0,25 фоиз, барои қисмати дуюм 1 фоиз кам гардида, аз 1 январи соли 2017 андози мазкур пурра бекор карда мешавад.

7. Супорандагони андоз аз фоида дар Кодекси нав ба ду гурӯҳ ҷудо гардидаанд:

а) истеҳсолкунандагони молҳо, ки фоидаи камтар ба даст меоранд;

б) истеҳсолкунандагони молҳо, ки фоидаи пурра ба даст овардаанд.

Барои андозсупорандагоне, ки фоидаи камтар ба даст овардаанд, меъёри андоз аз фоида аз 1 январи соли 2013-ум 15 фоиз, аз 1 январи соли 2015 –ум 14 фоиз ва аз 1 январи соли 2017-ум 13 фоиз пешбинӣ гардида, барои истеҳсолкунандагони мол бо фоидаи пурра бошад, меъёри ниҳоии андоз аз фоида аз 1 январи соли 2013-ум 25 фоиз, аз 1 январи соли 2015-ум 24 фоиз ва аз 1 январи соли 2017-ум 23 фоиз, вале на камтар аз 1 фоизи даромад муқаррар гардидааст.

8. Дар ин ҷо як нуктаи дигари Кодекси навро зикр кардан бамаврид аст, ки сарфи назар аз болоравии нархҳои бозорӣ, маблағи сармоягузориҳо барои гирифтани имтиёзи дар муҳлати панҷ сол аз андози фоида озодкунанда барои пурра намудани фонди оинномавӣ ба ҷойи рӯзи бақайдгирии давлатӣ, ки Кодекси амалкунанда пешбинӣ менамуд, дар Кодекси нав ин муҳлат ба 12 моҳ дароз карда шуд.

9. Зикр кардан бамаврид аст, ки бо мақсади дастгирӣ намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ ва кор дар дохили кишвар дар Кодекс як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст:

- пеш аз ҳама барои дастгирии соҳибкории хурд, андозсупорандагоне, ки дар низоми соддакардашуда қарор доранд, аз супоридани андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд;

- воридоти таҷҳизоти технологии ҳозиразамон (техникаи кишоварзӣ, доруворӣ) ва чорвои хушзот аз ҳамаи намуди андоз ва пардохтҳои гумрукӣ озод гардидаанд;

- ин амалро агар соҳибкорони инфиродӣ ба ҷо оранд, ин муқаррарот ба онҳо низ паҳн мегардад;

- инчунин мувофиқи Кодекси нав шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки корхонаҳои навро доир ба коркарди пӯст, пашм, абрешими хом то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ таъсис медиҳанд, ба муҳлати то панҷ сол аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, андози фоида ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард озод карда мешаванд;

- ҷиҳати дастгирии соҳибкории хурд, ҳаҷми ҳадди ақали даромад барои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ба ҷойи 200 ҳазор сомонӣ 500 ҳазор сомонӣ дар Кодекси нав муқаррар гардидааст;

-истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар қисми фаъолияте, ки бо андозҳои ягона андозбандӣ мегарданд (фаъолияти кишоварзӣ), аз пардохти андозҳои зерин: андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андози замин ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод мебошанд;

- тартиб ва низоми амалкунандаи роялти барои истихроҷи обҳои зеризаминӣ дар Кодекси нави андоз нигоҳ дошта шуда, меъёри он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Чаро, ки тарифи хизматрасонии об ҳамасола тағйир меёбад ва он бештар ба салоҳияти Ҳукумати ҷумҳурӣ мансуб мебошад;

- барои заминҳои кишти обӣ, ки дар парвариши пахта истифода мешаванд, мувофиқ ба меъёрҳои андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, андоз дар ҳаҷми нисфи меъёри муайяншуда муқаррар гардидааст;

- содироти бисёр намуди молҳо (ба ғайр аз пахтаи коркардшуда ва алюминийи аввалия) аз ҷумлаи металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо бо андоз аз арзиши иловашуда аз рӯйи меъёри «0» андозбандӣ мешаванд.

Ҳамаи ин имтиёзҳои андоз бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, воридоти сармояи хориҷӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони истеҳсолӣ пешбинӣ гардидаанд.

Кодекс ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Худоёров Бахтиёр Таварович дода мешавад.



**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: -Муҳтарам Раис! Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният дар ҷаласаи навбатии худ баъди таҳлилу муҳокимаҳо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра дастгирӣ намуд. Дар фарқият аз Кодекси амалкунанда он дорои тағйироти куллие мебошад, ки ба рушди иқтисодии кишварамон мусоидат менамояд. Илова бар он, маърӯзачии имрӯза -раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисоду коммуникатсия муҳтарам С. Тағоев паҳлуҳои гуногуни Кодекси андозро муфассал шарҳ дод. Пеш аз ҳама, Кодекс соддатар карда, дар он шумораи истинодҳо аз 384 ба 176 адад кам карда шуд. Васеътар кардани доираи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизоти технологӣ ва бартараф кардани маҳдудиятҳо низ яке аз навгониҳои назарраси Кодекси мазкур мебошад.

Ҳамзамон андозбандии соҳибкории хурд бо андоз аз арзиши иловашуда бекор карда шуда, ҳадди бақайдгирӣ бо мақсади андози арзиши иловашуда аз 200 ҳазор сомонӣ то 500 ҳазор сомонӣ баланд бардошта шуд, ки ин ҳолат дар моддаҳои 161 ва 162 пешбинӣ шудааст.

Аз манбаи андоз аз молу мулки ғайриманқул баровардани иншоот пешбинӣ гардид, барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда бақайдгирии ихтиёрии супорандагони андози ягона пешбинӣ карда шуд (моддаи162).

Дар ин Кодекс, ба мафҳуми «грант» (қисми 23 моддаи 17), калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ ё ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ иншооти зарурӣро бунёд намуда, ба таври ройгон ба моликияти мақомоти дахлдори давлатӣ месупоранд» илова карда шуданд.

Илова бар ин, меъёри андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул тағйир дода шуда, бо истифода аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст (моддаи 279).

Вобаста ба маъмурикунонии андоз дар Кодекси нав нисбат ба матни Кодекси андози амалкунанда ҷузъиётҳои фарққунандаи зерин пешбинӣ карда шудаанд.

Аз матни Кодекс мафҳумҳое, ки бо моддаҳои алоҳида ба танзим дароварда мешуданд, ба моддаҳои 7 то 17 боби II мафҳумҳои асосӣ дохил карда шуданд. Дар боби 5-уми Кодекс ваколатҳои мақомоти андоз маҳдуд ва муқаррарот соддатар гардонида шудааст. Дар моддаи 75-уми Кодекс ҳабси воситаҳои асосии ташкилоти давлатӣ манъ карда шуд.

Кодекс ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Он ҳамчунин ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷавобгӯ мебошад. Бо ин гуфтаҳо, Кодекси андозро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, хоҳиш менамоем, ки санади мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология, директори иҷрокунандаи Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» Шарипов Садриддин Файзиевич дода мешавад.

**Садриддин ШАРИПОВ: - Муҳтарам Раис! Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Дар таҳрири нав қабул шудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати воқеӣ мебошад ва дар ин бобат дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид гардида буд. Дар таҳияи он тавсия ва таклифҳои намояндагони Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Умумиҷаҳонӣ ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба инобат гирифта шудааст. Кодекси нави андоз ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонида шуда, қабули он барои ҳамроҳ шудани кишварамон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо шароит фароҳам меоварад. Бояд зикр кард, ки дар аксари давлатҳои мутараққӣ вобаста ба андоз ислоҳот гузаронида шуда, низом ва шакли андозбандӣ тағйир ёфтааст.



Талаботи замон чунин аст, ки андоз ва системаи андозбандӣ тавре бояд амалӣ гардад, ки иқтисодиёт рушд ёбад, сатҳи зиндагии мардум баланд бардошта шавад ва барои пешрафти соҳаҳои гуногуни мамлакат, алалхусус гидроэнергетика, коммуникатсия, саноату сохтмон, кишоварзӣ, коркарди боигариҳои табиӣ дар баробари сармояи дохилӣ сармояи хориҷӣ бештар ҷалб карда шавад. Бо ин мақсад дар қисми 1 моддаи 110 аз андоз аз фоида озод намудани корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда ба муҳлатҳои муайян хеле бамаврид дарҷ гардидааст.

Минбаъд корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда ба муҳлатҳои зерин аз супоридани андоз аз фоида озод карда мешаванд:

- ба муҳлати ду сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллар то 500 ҳазор доллари амрикоиро ташкил кунанд;

- ба муҳлати се сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллар то 2 миллион доллари амрикоӣ бошад;

- ба муҳлати чор сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари амрикоиро ташкил диҳад;

- ба муҳлати 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари амрикоӣ бошад.

Бояд зикр намуд, ки Кодекси нав аз Кодекси амалкунанда фарқиятҳои куллӣ дорад.

Дар он минбаъд қабули электронии эъломияҳои (ҳисоботи) андоз низ ҷорӣ карда шуда, санҷиши андозҳо танҳо ду намудро дар бар мегирад:

- санҷиши ҳуҷҷатӣ ва санҷиши амалиётӣ.

Инчунин ҳангоми андозбандии андоз аз даромади шахсони воқеӣ то 140 сомонӣ 8 фоиз, аз ин маблағ зиёдтар 13 фоиз андозбандӣ карда мешавад.

Дар Кодекси амалкунанда бошад, ин нишондодҳо мутаносибан то 100 сомонӣ ва 8 фоиз муайян шуда буд.

Дар таҳрири нави Кодекси андоз пешниҳоди эъломияи андози аксизӣ, ки ҳар даҳрӯзаро дар бар мегирифт, ба ҳармоҳа гузаронида шуда, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд, минбаъд на ҳар семоҳа, балки дар шаш моҳ як маротиба эъломияи андози иҷтимоиро пешниҳод ва маблағи онро пардохт мекунанд.

Дар Кодекси нав андоз аз фурӯши чакана, андози ҳадди ақал, андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо ихтисор карда шуд.

Дигар навовариҳое, ки ба Кодекси нави андоз ворид гардидаанд, ба талабот ва стандартҳои муосири байналмилалӣ ҷавобгӯй мебошанд.

Аз ин лиҳоз, қабули Кодекси мазкур зарур ва бамаврид буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ раиси шаҳри Истаравшан Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович дода мешавад.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари кам намудани ҳамаи номгӯйи андозҳо ва тағйирот вобаста ба соддагардонии андозбандӣ меъёрҳоеро низ пешбинӣ намудааст, ки барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд.

Дар муқоиса бо Кодекси амалкунанда дар Кодекси нав 25 тағйироти асосӣ вобаста ба сиёсати андоз ва 10 тағйироти асосӣ вобаста ба маъмурикунонии андоз ворид карда шудааст.

Низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, андози ягона барои соҳибкории хурд, озод намудани воридоти таҷҳизоти технологӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ, аз ҷумла воридоти чорвои зотӣ барои парвариш, кам кардани меъёри андози иҷтимоии аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз 15 сомонӣ то 10 сомонӣ, ҷорӣ намудани низоми имтиёзнок барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили нахи пахта, пашм, пӯст ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар лоиҳаи Кодекси мазкур муайян гардидааст, бешубҳа ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, самаранок гардидани соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд такони ҷиддӣ мебахшад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Оид ба ин масъала кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Хоҳишманд нест?

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуд ва қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ба баррасии шумо масъалаи охирини рӯзномаи Иҷлосия – лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон» пешниҳод карда мешавад.

Сухан оид ба ин масъала ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ муҳтарам Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович дода мешавад. Марҳамат.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**



Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтар» таҳти №386 аз 1 августи соли 2012 дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод. Тибқи пешниҳоди мазкур таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номҳои деҳаи Коммунизм ба деҳаи Бӯстон, деҳаи Ленин-юли ба деҳаи Баракат, деҳаи Учқун ба деҳаи Наврӯзи деҳоти «Навбаҳор», деҳаи Стаханов ба деҳаи ба номи Мирзо Турсунзодаи деҳоти «Заргар», деҳаи Энгелс ба деҳаи Ваҳдатобод, деҳаи Ленинизм ба деҳаи Нури Ваҳдат, деҳаи Калинин ба деҳаи Лолазори деҳоти «Меҳнатобод», деҳаи Қизил Шарқ ба деҳаи Меҳробод, деҳаи Марксизм ба деҳаи ба номи Лоиқ Шералӣ, деҳаи Якуми май ба деҳаи ба номи Ҷалолиддини Румӣ, деҳаи Тоҷик Баталион ба деҳаи Зарафшони деҳоти «Сарвати Истиқлол»-и ноҳияи Бохтар тағйир дода шаванд.

Дар маҷмӯъ, пешниҳод шудааст, ки дар ноҳияи Бохтар номи 11 деҳа тағйир дода шавад.

Зарурати тағйир додани номи деҳаҳо бевосита ба Истиқлолияти давлатӣ, гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, мувофиқ намудани амали номгузорӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ва тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳаҳо мебошад.

Пешниҳод доир ба тағйир додани номи деҳаҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Бохтар ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита бо назардошти нишондодҳои зикргардида пешниҳоди мазкурро қобили дастгирӣ медонад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон» ба овоз монда шуд ва қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Раиси Котибот гуфтание дорад? Нест.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баррасӣ шуданд. Доир ба тартиби бурдани Иҷлосия, баррасӣ намудани масъалаҳо таклифу эродҳо ҳастанд? Ба раисони кумитаҳо, аъзои Маҷлиси миллӣ барои иштироки фаъолонаашон дар кори Иҷлосия ташаккур мегӯем.

Бо ҳамин Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***Далер МЕРГАНОВ***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ.***

---

## ● Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ГУЛМУРОДОВ Гардӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Яккадин №145, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1919 дар деҳаи Скади ноҳияи Сангвор таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Муаллим, директори хонаи бачагон, инспектори шӯъбаи маорифи халқи ноҳияи Сангвор, мудири шӯъбаи Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Сангвор кор кардааст. Аз соли 1953 ташкилотчии мадании колхози ба номи Жданови ноҳияи Ҷиликӯл ва аз соли 1953 раиси ҳамин колхоз буд.



**ХОЛМУРОДОВА Ашӯрбибӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленин №146, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1938 дар ноҳияи Куйбишев таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ ибтидоӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1954 ҳамчун узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Калинин сар карда, дар ҳамин хоҷагӣ фаъолияташро идома додааст.



**МУҲАММАДОВ Ҷалолиддин**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Куйбишев №147, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1920 дар ноҳияи Ашт таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

Аз соли 1947 то соли 1961 дар колхозҳои ба номи Горкий ва «Уялӣ»-и ноҳияи Куйбишев раис шуда кор кард. Соли 1963 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Куйбишев ва баъдан котиби Кумитаи ҳизби коммунисти раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Куйбишев буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва якчанд медалҳо мукофотонида шудааст.



**ВЕРХОВ**
**Владимир Иванович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Норин №148, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1914 дар вилояти Куйбишеви РСФСР таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли 1953 саргеологи Раёсати геология ва муҳофизати боигариҳои зеризаминӣ дар назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва соли 1962 сардори Раёсати геология ва муҳофизати боигариҳои зеризаминӣ дар назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таъин карда мешавад.

Бо мукофотҳои ҳукуматӣ сарфароз гардидааст.



**ҶӮТОВА Тоҷихол**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Обикиик №149, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1938 дар ноҳияи Куйбишев таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёна.

Узви колхози «Коммунизм»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Куйбишев буд.



**РАҶАБОВ Султон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Оби Мукӣ №150, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1926 дар деҳаи Қизил-қишлоқи ноҳияи Ҳисор таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1941 сар кардааст. Соли 1951 узви Суди халқии ноҳияи Варзоб, соли 1952 узви Суди Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб шуд. Соли 1961 раиси Суди вилояти Ленинобод ва соли 1962 раиси Суди Олии ҶШС Тоҷикистон шуда кор кардааст.



**ШУКУРОВ Нурулло**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Якуми Май №151, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1911 дар деҳаи Навдии ноҳияи Ғарм таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

То соли 1936 ,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,раиси Шӯрои деҳот, баъд инспектор оид ба муайянкунии сифати маҳсулоти артели хоҷагии деҳоти ба номи Свердлови ноҳияи Куйбишев шуда кор мекард. Аз соли 1942 то соли 1953 раиси колхози «Роҳи сотсиализм» буд. Аз соли 1953 раиси артели хоҷагии деҳоти «Москва»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Куйбишев буд.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва дигар мукофотҳои ҳукуматӣ сарфароз гардидааст.



**ШАМСИДДИНОВ Баҳриддин**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Уялӣ №152, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1929 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Агрономи МТС, агрономи шӯъба оид ба пахтакории АИ ҶШС Тоҷикистон шуда кор мекард. Аз соли 1953 то соли 1956 дар аспирантураи АИ ҶШС Тоҷикистон мехонад. Аз соли 1956 то соли 1957 дар АИ ҶШС Тоҷикистон бо корҳои илмӣ машғул мешавад. Директори Стансияи минтақавии таҷрибавии парвариши пахта, ҷонишини директори Стансияи минтақавии таҷрибавии хоҷагии деҳоти ҶШС Тоҷикистон, сардори раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Куйбишев кор кардааст.



**СУЛАЙМОНОВА Бӯстон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чкалов №153, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1922 дар деҳаи Одашти ноҳияи Ванҷ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Китобдори Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Роштқалъа ва Куйбишев шуда кор мекард. Аз соли 1952 то соли 1958 мудири яслии бачагони колхозҳои ноҳияи Куйбишев, сардори бригадаи пахтакории колхози «Маданият» шуда кор кардааст. Соли 1961 ҷонишини раиси артели хоҷагии деҳот интихоб шудааст. Аз соли 1962 ба бригадаи пахтакории колхози «Озарбойҷон»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Куйбишев сардорӣ мекард.

Бо ордени Ленин мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Вакил ва интихобкунанда





# Мулоқот бо интихобкунандагони минтақаи Рашт

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хайринисо Юсуфӣ тайи се рӯз аст, ки бо интихобкунандагон дар минтақаи Рашт вохӯриҳо баргузор намуда истодааст.

Сарогози ин нишастҳо аз ноҳияи Рашт ибтидо гирифт. Дар шаҳраки Ғарм ва деҳоти «Ҷафр»-и ноҳия Хайринисо Юсуфӣ аз фаъолияти пурсамари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2012 ба интихобкунандагон маълумоти муфассал дод.

Инчунин вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Рашт, омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, беморхонаи марказии шаҳраки Ғарм дидан намуда, бо зисту зиндагӣ ва маишати донишҷӯён аз наздик шинос шуд.

Чунин дидор ва вохӯриҳои вакил дар ноҳияҳои Тоҷикободу Ҷиргатол низ доир карда шуданд.

**ДАР СУРАТ: Х. Юсуфӣ ҳангоми мулоқот бо интихобкунандагон.**

***М.РИЗВОНОВ***

# Вохӯриҳои судбахши вакилон бо интихобкунандагон

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфулло Гиёев, Сафаралӣ Гулов ва Рустам Латифов бо интихобкунандагони хеш як силсила вохӯриҳо ташкил намуда, вобаста ба мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти имрӯза, аз қабили сиёсати дохиливу хориҷии давлат, дастовардҳои замони Истиқлолият, оид ба сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ, ҷаҳду талошҳои Президенти кишвар дар бобати ба даст овардани соҳибистиқлолии энергетикӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ берун овардани мамлакат, таъмини мардуми қобили меҳнат бо ҷойҳои корӣ, сари вақту воқеъбинона баррасӣ намудани арзу шикояти мардум ва ғайра суҳбат намуданд.

Аз ҷумла узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Сайфулло Гиёев бо интихобкунандагон дар ноҳияи Панҷ, шаҳраки Фархор, деҳоти «20-солагии Истиқлол», муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Гулов дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, деҳоти «Гулистон» ва ба номи Миралӣ Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Латифов дар шаҳраки Восеъ, омӯзишгоҳи касбӣ-техникии рақами 16 ва беморхонаи марказии ноҳияи Восеъ мулоқот оростанд.

Алҳол вохӯрии вакилони номбурда бо интихобкунандагони ҳавзаҳои хеш идома дорад.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***





# ВАКИЛОН ИФОДАКУНАНДАИ ИРОДАИ МАРДУМ ДАР ПАРЛУМОНАНД

Тавре қаблан иттилоъ дода будем, вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо интихобкунандагонашон ҷараён дорад. Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шакарбек Самадов ва Ашӯрбек Расулов аз 11 сентябри соли равон инҷониб дар шаҳру деҳоти Панҷакент силсилаи мулоқотҳоро бо интихобкунандагони хеш доир намуданд.

Дар деҳоти «Моғиён» ва «Шинг» мулоқоти номбурдагон бо аҳолӣ хеле судманд сурат гирифт, ки дар онҳо интихобкунандагон вобаста ба масоили гуногун бо дархосту пешниҳод муроҷиат намуданд.

Зимни суханронии худ Шакарбек Самадов дар навбати аввал доир ба рисолати мақоми олии қонунгузории кишвар – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода, зикр кард, ки вазифаи асосии он ҳамчун яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои рушду нумуи тамоми бахшҳои ҷомеаи кишварамон мебошад. Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи қонунгузории ватанӣ ва кишварҳои пешрафта санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди таҳияву баррасӣ ва қабул қарор медиҳанд.

-Вакилон дар баробари таҳия ва қабули қонунҳо, инчунин барои ба аҳолӣ фаҳмонидани моҳияти онҳо масъуланд, - афзуд Шакарбек Самадов. -Зеро, қонун на танҳо низому муқаррароти муайянро дар ҷомеа амалӣ мекунад, балки ҳамчун беҳтарин василаи болоравии маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад.

Ҳадаф ва мароми мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар шароити кунунӣ ҳимояи ҳамаҷонибаи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллии тоҷикон, заминаи мусоид фароҳам овардан барои рушду нумуи тамоми бахшҳои ҷомеаи кишвар тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Дар суханронии Шакарбек Самадов қабул гардидани Кодекси нави андоз мавқеи хоса дошт ва зикр гардид, ки дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат оид ба таҳия ва пешниҳоди Кодекси нави андоз ба Ҳукумати ҷумҳурӣ супориш шуда буд ва ба наздикӣ лоиҳаи он ба баррасии Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуда, қонун қабул гардид.

Мушкилоти истеҳсолкунандагони молҳои ватанӣ, зарурати барқароркунӣ ва азнавтаҷҳизонидани корхонаҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҷалб намудани аҳолии бекор ба соҳибкории хурд, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ногузир тағйир додани қонунгузории андоз ва системаи андозро тақозо доштанд.

Мақсади қабули Кодекси андози нав содда намудани низоми андозбандӣ ва оммафаҳм гардонидани санадҳои ҳуқуқии марбут ба андозбандӣ, бартараф намудани мухолифати дар қонунгузории андоз ҷойдошта ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз мебошад.

Қобили зикр аст, ки барои таҳияи Кодекси нави андоз Комиссияи босалоҳият таъсис дода, ба кори он доираи васеи мутахассисону коршиносон, соҳибкорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷалб шуданд.

Тайи як соли фаъолият аз тарафи комиссия 45 вохӯрию мулоқот, 15 омӯзишу тренингҳо бо намояндагони вазорату идораҳо, мутахассисони соҳаҳои гуногун ва аҳли ҷомеа гузаронида шуд. Ба комиссия тақрибан 4 ҳазор таклифу эрод ворид шуд, ки аксарияти онҳо дар лоиҳаи Кодекс инъикос ёфтаанд. Инчунин тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Кодекси андози нав аз 329 модда иборат аст, ки ба 18 фасл ва 50 боб тақсим мешавад.

Дар муқоиса бо Кодекси амалкунанда дар Кодекси нав 25 тағйироти асосиро вобаста ба сиёсати андоз ва 10 тағйироти асосиро вобаста ба маъмурикунонии андоз зикр кардан мумкин аст.

Чунончӣ, вобаста ба сиёсати андоз дар Кодекс 42 модда ва 3 боб кам карда шуд, шумораи истиноҳо аз 384 адад то 176 адад кам, шумораи эъломияҳои андоз то 41 фоиз, шумораи ҳисоботҳои андозӣ то 86 фоиз ва шумораи умумии пардохтҳои андозӣ то 43 фоиз кам карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, суханронии Шакарбек Самадов фарогири тамоми бахшҳои ҷомеа буда ва аз ҷониби интихобкунандагон хуш пазируфта шуд.

Дар суханронии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашӯрбек Расулов бошад, раванди бунёди иншооти соҳаи маориф меҳвари асосӣ маҳсуб ёфта, доир ба он маълумоти муфассал пешниҳод шуд. Зикр гардид, ки дар заминаи иқдомоти амалинамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар як муддати кӯтоҳ дар дурдасттарин минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла шаҳри Панҷакент шумораи зиёди мактабҳои замонавӣ бунёд карда шуданд ва ин раванд минбаъд низ густариш хоҳад ёфт.

Сипас, интихобкунандагон Муродқул Ҳамроев, Раъно Суфиева, Ҷумъагул Розиқова, Собир Ҳамроев, Музаффарқул Усмонов, Абдулло Ҷумъаев, Тайлон Нусратуллоев, Қурбоналӣ Латипов, Бобосафар Ҳомидов, Ҷӯрақул Шодмонқулов, Сайлобону Муҳаммадиева, Бӯрибой Насриддинов, Худойбердӣ Худойдодов, Назрулло Соҳибов, Зоҳид Шарипов, Абдувоҳид Саломов ва дигарон вобаста ба мушкилоти ҷойдошта дар мавриди бунёди мактабҳо, фарогирии мавҷи шабакаҳои телевизионҳои марказӣ, вазъи бади роҳҳои мошингард, ҷудо намудани қитъаи замин барои бунёди мактаб ва варзишгоҳ, бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ, масоили экологӣ, таъмини оби нӯшокӣ, сари вақт дастрас нагаштани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, коҳиш додани андози иҷтимоӣ ва андоз аз чарогоҳҳо, мушкилоти иҷтимоӣ, тақсимоти ноодилонаи замин, қаноатбахш набудани вазъи хизматрасонии тиббӣ ва ғайра муроҷиат намуданд. Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муроҷиатҳои интихобкунандагон тариқи мушаххас посух гуфта, ваъда доданд, ки ҳатман якҷоя бо мақомоти дахлдор баҳри ҳалли мушкилоти зикршуда ҷаҳду талош хоҳанд намуд.



***Ҷумъахон НАБОТОВ, Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Сабоҳат Муқумова бо интихобкунандагон вохӯрӣ доир намуд

14-уми сентябри соли 2012 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабоҳат Муқумова дар ноҳияи Шаҳринав бо интихобкунандагони хеш -намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла фаъолони соҳаи маориф ва тандурустӣ вохӯрӣ намуд.

Мавзӯи асосии ин мулоқот Кодекси нави андоз буд, ки тавассути вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 5 сентябри соли ҷорӣ қабул намуданд.

Сабоҳат Муқумова изҳор дошт, ки масъалаи таҳияи Кодекси нави андоз аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади содда гардонидани низоми андозситонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорону тоҷирон, рушд ва пешрафти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоёт, таъсис ва роҳандозии корхонаҳои хурду бузург дар қаламрави мамлакат ба миён гузошта шуда буд.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид кард, ки тибқи Кодекси мазкур, ки қарор аст, аз 1 январи соли оянда мавриди иҷро қарор гирад, низоми андозбандӣ дар кишвар ба ҳадди лозим содда гардонида шуда, барои соҳибкорон баъзе имтиёзҳо дода мешавад.

Дар мулоқот, ҳамчунин оид ба ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумат таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи соҳаҳо, бахусус соҳаи маорифу тандурустӣ, изҳори андеша карда шуд. Зикр гардид, ки марҳила ба марҳила зиёд гардидани маоши ин қишри ҷомеа ва ҷудо гардидани зиёда аз нисфи буҷети давлатии соли ҷории мамлакат ба бахши иҷтимоӣ нишонаи ин ғамхориҳо мебошад.

Сабоҳат Муқумова таваҷҷуҳи интихобкунандагони худро ба дастовард ва пешрафтҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи 21 соли соҳибистиқлолӣ ба даст омадаанд, ҷалб намуда, иброз дошт, ки сохтмони иншооти гуногунсоҳаи хурду бузург, корхонаҳои истеҳсоли молу ашёи гуногун, сохтмон ва таҷдиди роҳҳои аҳамияти дохиливу байналмилалӣ ва минтақавидошта, сохта ва ба истифода додани неругоҳҳои дорои иқтидорҳои миёнаи барқи обӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар, сохтмони пул ва нақбҳо ва ғайраҳо аз ҷумлаи ин дастовардҳо ба шумор мераванд.

Дар вохӯрӣ роҷеъ ба дигар масъалаҳо, аз ҷумла фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи даъвати сеюм, ҳамкориҳои байнипарлумонӣ бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар мавзӯъҳо изҳори назар карда шуд.

Дар охир интихобкунандагон ба саволҳои сершумори худ посух гирифтанд.

***Хадамоти матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии***




## Намоишгоҳи муҳим

<u>**ДУШАНБЕ. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)**</u> 18- уми сентябр дар Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад»-и шаҳри Душанбе Намоишгоҳи панҷуми байналмилалии молҳои содиротии ноҳияи Автономии Синтсзян-Уйғури (НАСУ) Ҷумҳурии Халқии Хитой (ҶХХ) оғоз ёфт. Дар арафаи ифтитоҳи ин намоишгоҳ дар Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ташкилкунандагони он мебошад, нишасти матбуотӣ доир гардид. Дар он масъулони ПСС ҶТ ва намояндагони НАСУ ҶХХ иштирок доштанд. Муовини раиси ПСС ҶТ Лариса Кислякова баргузории ин чорабиниро хеле муҳим ва аҳамиятнок арзёбӣ карда, зикр намуд, ки дар он 70 ширкати бонуфузи истеҳсолии Ҷумҳурии Халқии Хитой молу маҳсулоти худро пешкаш менамоянд. Намоишгоҳ чор рӯз идома ёфта, дар ин давра бизнес-форумҳо, мулоқоти доираҳои соҳибкорӣ ва тоҷирони Тоҷикистон ва Хитой баргузор мешавад.

## Зафари меҳнатӣ

<u>**КОНИБОДОМ. (Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»)**</u> Заҳматкашони бригадаи № 2 – и Ҷамъияти саҳомии ба номи Энаҷон Бойматоваи шаҳри Конибодом аввалин шуда, нақшаи истеҳсоли пахтаро барзиёд иҷро намуданд. Онҳо дар майдони 75 гектар пунбадона кишт карда, мувофиқи нақша бештар аз 191 тонна «тиллои сафед» ҷамъ оварданд. Дар арафаи 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳнатдӯстони бригада уҳдадор гардидаанд, ки илова бар нақша боз 35 тонна дурри гаронбаҳо ҷамъоварӣ намуда, ҳосилнокиро ба 30 сентнерӣ расонанд.

## Деҳот обод мешавад

<u>**РАШТ. (Мирзосафар РИЗВОНОВ)**</u> - Дар ҳудуди деҳоти «Тагоба» - и ноҳияи Рашт чор китобхона, панҷ мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, як клуб, шаш нуқтаи савдо, як нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, се бунгоҳи тиббӣ фаъолият намуда, дар хизмати мардуманд,- гуфт зимни суҳбат раиси деҳоти мазкур Мирзоалӣ Мақсудов.

Ба қарибӣ дар маркази деҳот боз як бинои маркази савдо аз тарафи соҳибкор Маҳмадамин Качкулоев бо ҳамаи меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ ба маблағи 120 ҳазор сомонӣ сохта шуд, ки айни замон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Дар ин маркази савдо нархи маҳсулот нисбати дигари мағозаҳои гирду атроф арзонтар буда, даҳ нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. То ҷашни 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳи боз як сехи дӯзандагӣ барои таъмини занон бо ҷойи кори доимӣ дар назар аст.

## Иқдоми нек

<u>**ПАНҶАКЕНТ. (Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»)**</u> Бо иштироки раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода дар деҳаи Некноти Нови деҳоти ба номи Рӯдакии шаҳри Панҷакент мактаби замонавӣ ба маблағи 1 миллиону 300 ҳазор сомонӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту шаҳр сохта, ба истифода дода шуд. Ҳамчунин дар назди мактаб маросими пардабардорӣ аз рӯйи лавҳаи хотиравии Абдунабӣ Бойматов баргузор гардид, ки 12 сол дар вазифаи мудири шӯъбаи маорифи шаҳр фаъолият намудааст. Бо пешниҳоди мардуми деҳа мактаби нави таҳсилоти миёнаи умумии асосии №7 ба номи ӯ гузошта шуд.

Бояд гуфт, ки мактаби мазкур дорои таҷҳизоти ҳозиразамон ва 12 синфхона буда, барои 114 нафар хонанда дар як баст пешбинӣ шудааст. Раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода кушодашавии мактаби нави замонавиро ба мардуми маҳал иқдоми нек номида, ду компютер туҳфа намуд.

## Мактаби нав бунёд шуд

<u>**ФАРХОР. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)**</u> Бо дастгирии молиявии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар деҳаи Панҷи деҳоти « 20- солагии Истиқлол», ки толибилмони он солҳои тӯлонӣ дар мактаби ҳолати садамавидошта ба таҳсил фаро гирифта мешуданд, бинои хуштарҳи замонавӣ бунёд гардид. Ҳангоми ифтитоҳи бинои нави мактаб раиси ноҳияи Фархор Қурбонбой Каримов суханронӣ карда, зикр намуд, ки дар рӯзҳои наздик тавассути кӯмаки молии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва худи аҳли деҳа сохтмони як бинои бунгоҳи тиббӣ низ шурӯъ меёбад.

## Баргузории мусобиқаҳо бо мақсади рушди гӯштии дзю-до

<u>**КӮЛОБ. ( Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)**</u> Бо ташаббусу дастгирии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкорӣ бо Сафорати Ҷумҳурии Ҷопон дар Тоҷикистон, аз 7 то 29 сентябр дар толорҳои гӯштигирии шаҳри Кӯлоб таҳти унвони «Баҳри рушди гӯштии дзюдо дар Тоҷикистон», як силсила тамрину мусобиқаҳо баргузор мешавад. Бо ин мақсад аз тамоми шаҳру навоҳии минтақа 40 нафар мураббиҳо ва гӯштигирони ин намуди варзиш даъват карда шудаанд. Дар чорабинии мазкур Сукасо Домато аз Ҷумҳурии Ҷопон ҳамчун мутахассис ҳузур дорад.

## Сайёҳони хатлонӣ пойи пиёда ба Дубай расиданд

<u>**МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)**</u> Сайёҳони ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо сарварии Абдулазиз Раҷабов, ки миёни мардуми ноҳия ва минтақа бо тахаллуси Ҳоҷипиёда маъруф аст, баъди панҷ моҳи сафар ба шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб расиданд. Дар суҳбат ба хабарнигорамон сарвари гурӯҳ тавассути алоқаи мобилӣ гуфт: «Мо аз ноҳия ҳафт нафар ба сайёҳат баромадем. Мутаассифона, яке дар шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон ва чор нафар аъзои дигари гурӯҳ дар шаҳри Қуми Эрон аз идомаи сафар, бо иллати солхӯрдагию мушкилоти роҳ, худдорӣ намуданд. Сафорати Ироқ убур кардани сарзамини давлати хешро бо сабабҳои ноамнӣ ба мо тавсия надод. Аз ин рӯ, лозим омад, ки аз шаҳри Теҳрон то шаҳри Бандараббос, беш аз 1000 километр, роҳро тай намуда, тавассути халиҷи Форс киштисавор ба шаҳри Дубай биравем. Ҳоло дар Кумитаи олимпии Дубай барои идомаи сафар машғули ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои хеш мебошем».

## Дӯстии ҷавонони тоҷику қирғиз мустаҳкам мешавад

<u>**ХУҶАНД. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)**</u> Тоҷикону қирғизҳо асрҳо боз дар ҳамсоягии якдигар дӯстона зиндагӣ мекунанд. Дар доираи равобиту ҳамкориҳои неки ҳамсоягӣ дар вилояти Суғд Фестивали ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон доир шуд. Дар Фестивал ҷавонон аз Ҷумҳурии Қирғизистон, ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ширкат варзиданд. Онҳо дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Чкалов, Қайроққум, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов аз ҷойҳои таърихиву иншооти тозабунёде, ки дар даврони истиқлолият қомат афрохтааст, дидан карданд. Миёни ҷавонони қирғизу тоҷик мубодилаи афкори созанда сурат гирифта, маҳфилҳои адабӣ, суҳбату мулоқотҳо, консертҳо доир гардиданд. Зимни ҷамъбасти чорабинӣ бо мақсади тақвияти дӯстии минбаъда муроҷиатномаи Фестивали дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон «Корвони Сулҳ» қабул гардид.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***


**КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**18 октябри соли 2012 музоядаи №7-ро оид ба фурӯши амволи ҳабсгардида, ки аз тарафи Суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе ҳабс гардидааст, баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Хонаи истиқоматӣ (як ҳуҷрагӣ) | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 81 600 |
| 2 | Термекс | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 380 |
| 3 | Радиатор | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 360 |
| 4 | Мебел (тройка) | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 350 |
| 5 | Мизи рӯзномавӣ | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 150 |
| 6 | Маҷмӯи ашёи хонаи хоб, кат, шифонер ва трюмо | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 700 |
| 7 | Люстра (се чароға) | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 70 |
| 8 | Карниз | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 50 |
| 9 | Парда | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 100 |
| 10 | Оташдони барқӣ (3 комфорка) корношоям | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 70 |
| 11 | Яхдони дукамерагӣ | ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, ҳ.22 | 600 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои иншоот ба 350 нишондиҳанда ва барои воситаҳои ҷудогона ба 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ <u>**WWW. muzoyada-kvd.tj**</u> ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон <u>**WWW.GKI**</u>**. TJ** гирифтан мумкин аст.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**18 октября 2012 года проводит аукцион №7 по продаже арестованных имуществ Судом района И.Сомони города Душанбе**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Однокомнатная квартира | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 81 600 |
| 2 | Термекс | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 380 |
| 3 | Радиатор | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 360 |
| 4 | Мебель (тройка) | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 350 |
| 5 | Журнальный столик | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 150 |
| 6 | Спальный гарнитур | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 700 |
| 7 | Люстра | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 70 |
| 8 | Карниз | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 50 |
| 9 | Шторы | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 100 |
| 10 | Электроплита (3-х комфортная) не рабочая | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 70 |
| 11 | Двухкамерный холодильник | г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22 | 600 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14.**

Гарантийный взнос равен для недвижимости 350 показателям для расчетов за один лот и для единичного имущества 50 показателям для расчетов за один лот вносится наличными в кассу предприятия и безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж госимущества. В случае победы на аукционе Покупатель вносит на счет продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87,** на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества <u>**WWW. muzoyada-kvd tj**</u>, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. <u>**WWW.GKI**</u>**. TJ**

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

**Дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры**

***Восстановление скважин и насосной станции в городе Фархор***

**№ Контракта/Конкурсного предложения AF MIDP 001**

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка в счет стоимости Дополнительного финансирования Проекта развития муниципальной инфраструктуры и намеревается использовать часть средств на надлежащие выплаты в рамках Контракта «Восстановление скважин и насосной станции в городе Фархор».

Центр управления Проектом (ЦУП) настоящим приглашает правомочных и квалифицированных Участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно AF 001 MIDP **«Восстановление скважин и насосной станции в городе Фархор».** Окончательный срок предоставления конкурсных предложений не должен превышать 30 дней.

Торги будут проводиться в соответствии с процедурами национальных конкурсных торгов (НКТ), описанными в Руководстве Всемирного банка: *«Закупки товаров, работ и неконсультационных услуг по займам МБРР и кредитам и грантам МАР Заемщиками Всемирного банка, январь 2011»* и в нем могут принять участие любые Участники из правомочных стран, как определено в Руководстве.

Заинтересованные правомочные Участники торгов могут получить более подробную информацию и ознакомится с документацией для торгов в ЦУП по указанному ниже адресу с $9^{00}$ до $16^{00}$, с понедельника до пятницы. Заинтересованные Участники торгов могут приобрести полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу и оплаты не возмещаемого сбора в сумме 300 сомони. Метод оплаты будет наличным или перечислением на следующий адрес:

**ОАО Ориенбанк, Душанбе, Таджикистан,**
**проспект Рудаки 95/1**
**Acc. # 36112549 UNIV - ID 364244**
**Acc. # 20206840616901000423**
**Swift OTJK TJ 22**
**Intermediary CITI BANK NEW YORK, NA**
**Нью Йорк, USA**
**SWIFT CITI-US-33**
**ЦУП**
**4-ый этаж,**
**г-же У. Хамракуловой, Заместителя Директора ЦУП**
**ул. Н.Карабаева 56,**
**Республика Таджикистан,**
**Тел: (992372) 33 57 63/ 33 13 30/ 33 14 98;**
**Факс: (992372) 33 13 30;**
**E-mail: office@midp.tj**

При доставке за границу документ будет отправлен авиапочтой и обычной почтой или курьером для местной доставки или по электронной почте (в формате PDF).

Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением в размере 74 000 сомони и должны быть доставлены к 16 октябрю 2012, $14^{00}$. Конверты с конкурсными предложениями будут вскрыты немедленно в присутствии представителей Участников торгов, которые пожелаю присутствовать по указанному ниже адресу. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются.

**Кому: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан**
**Адрес: ул. Шотемур 27**
**Номер кабинета и этажа: 2 этаж, комната 22**
**Город: Душанбе**
**Почтовый адрес: 734025**
**Страна: Республика Таджикистан**

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

**Дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры**

**Реконструкция главных водоводов в городе Фархор**

**№ Контракта/Конкурсного предложения AF MIDP 003**

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка в счет стоимости Дополнительного финансирования Проекта развития муниципальной инфраструктуры и намеревается использовать часть средств на надлежащие выплаты в рамках Контракта «*Реконструкция главных водоводов в г. Фархор*».

Центр управления Проектом (ЦУП) настоящим приглашает правомочных и квалифицированных Участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно AF 003 MIDP **«*Реконструкция главных водоводов в г. Фархор*».** Окончательный срок предоставления конкурсных предложений не должен превышать 30 дней.

Торги будут проводиться в соответствии с процедурами национальных конкурсных торгов (НКТ), описанными в Руководстве Всемирного банка: *«Закупки товаров, работ и неконсультационных услуг по займам МБРР и кредитам и грантам МАР Заемщиками Всемирного банка, январь 2011»* и в нем могут принять участие любые Участники из правомочных стран, как определено в Руководстве.

Заинтересованные правомочные Участники торгов могут получить более подробную информацию и ознакомится с документацией для торгов в ЦУП по указанному ниже адресу с $09^{00}$ до $16^{00}$, с понедельника до пятницы. Заинтересованные Участники торгов могут приобрести полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу и оплаты не возмещаемого сбора в сумме 300 сомони. Метод оплаты будет наличным или перечислением на следующий адрес:

**ОАО Ориенбанк, Душанбе, Таджикистан,**
**Проспект Рудаки 95/1**
**Acc. # 36112549 UNIV - ID 364244**
**Acc. # 20206840616901000423**
**Swift OTJK TJ 22**
**Intermediary CITI BANK NEW YORK, NA**
**Нью Йорк, USA**
**SWIFT CITI-US-33**
**ЦУП**
**4-ый этаж,**
**Г-же У. Хамракуловой, Заместителя Директора ЦУП**
**Ул. Н.Карабаева 56,**
**Республика Таджикистан**
**Тел: (992372) 33 57 63/ 33 13 30/ 33 14 98;**
**Факс: (992372) 33 13 30;**
**E-mail: office@midp.tj**

При доставке за границу документ будет отправлен авиапочтой и обычной почтой или курьером для местной доставки или по электронной почте (в формате PDF).

Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением в размере 85 000 сомони и должны быть доставлены к 16 октябрю 2012, $14^{00}$. Конверты с конкурсными предложениями будут вскрыты немедленно в присутствии представителей Участников торгов, которые пожелаю присутствовать по указанному ниже адресу. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются

**Кому: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан**
**Адрес: ул. Шотемур 27**
**Номер кабинета и этажа: 2 этаж, комната 22**
**Город: Душанбе**
**Почтовый адрес: 734025**
**Страна: Республика Таджикистан**

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

**Дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры**

**Строительство резервуара на 2000 $м^3$ в городе Фархор**

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка в счет стоимости Дополнительного финансирования Проекта развития муниципальной инфраструктуры и намеревается использовать часть средств на надлежащие выплаты в рамках Контракта «*Строительство резервуара на 2000 $м^3$ в г.Фархор*».

Центр управления Проектом (ЦУП) настоящим приглашает правомочных и квалифицированных Участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно AF 002 MIDP **«*Строительство резервуара на 2000 $м^3$в г. Фархор*».** Окончательный срок предоставления конкурсных предложений не должен превышать 30 дней.

Торги будут проводиться в соответствии с процедурами национальных конкурсных торгов (НКТ), описанными в Руководстве Всемирного банка: *«Закупки товаров, работ и неконсультационных услуг по займам МБРР и кредитам и грантам МАР Заемщиками Всемирного банка, январь 2011»* и в нем могут принять участие любые Участники из правомочных стран, как определено в Руководстве.

Заинтересованные правомочные Участники торгов могут получить более подробную информацию и ознакомится с документацией для торгов в ЦУП по указанному ниже адресу с $09^{00}$ до $16^{00}$, с понедельника до пятницы. Заинтересованные Участники торгов могут приобрести полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу и оплаты не возмещаемого сбора в сумме 300 сомони. Метод оплаты будет наличным или перечислением на следующий адрес:

**ОАО Ориенбанк, Душанбе, Таджикистан,**
**проспект Рудаки 95/1**
**Acc. # 36112549 UNIV - ID 364244**
**Acc. # 20206840616901000423**
**Swift OTJK TJ 22**
**Intermediary CITI BANK NEW YORK, NA**
**Нью Йорк, USA**
**SWIFT CITI-US-33**
**ЦУП**
**4-ый этаж,**
**г-же У. Хамракуловой, Заместителя Директора ЦУП**
**ул. Н.Карабаева 56,**
**Республика Таджикистан**
**Тел: (992372) 33 57 63/ 33 13 30/ 33 14 98;**
**Факс: (992372) 33 13 30;**
**E-mail: office@midp.tj**

При доставке за границу документ будет отправлен авиапочтой и обычной почтой или курьером для местной доставки или по электронной почте (в формате PDF).

Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением в размере 90 000 сомони и должны быть доставлены к 16 октябрю 2012, $14^{00}$. Конверты с конкурсными предложениями будут вскрыты немедленно в присутствии представителей Участников торгов, которые пожелаю присутствовать по указанному ниже адресу. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются

**Кому: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан**
**Адрес: ул. Шотемур 27**
**Номер кабинета и этажа: 2 этаж, комната 22**
**Город: Душанбе**
**Почтовый адрес: 734025**
**Страна: Республика Таджикистан**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22, тел: 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2646/1-1205 | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 5 | 28.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2647/1-1206 | Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 28.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2648/1-1207 | Маркази ҷумҳуриявии барқарроркунии саломатии кӯдакони ш. Ваҳдат | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 18 | 28.09.2012 соати $10^{00}$ |
| 2649/1-1208 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 28.09.2012 соати $10^{30}$ |
| 2650/1-1209 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сару либоси нозири Хадамоти роҳбонии РБДА ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон | маҷмӯъ | 251 | 8.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2651/1-1210 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Хлеб | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 28.09.2012 соати $11^{00}$ |
| 2659/1-1211 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Чархҳои резинӣ 23,5х25 | маҷмӯъ | 10 | 24.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2652/2-758 | Маркази тиббии шаҳрии ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 20 | 28.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2653/2-759 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои н. Синои ш.Душанбе» | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Намаки техникӣ<br>Қуми шустагӣ | тонна<br>$м^3$ | 520<br>975 | 8.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2654/2-760 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳии ноҳияи Ҳисор» | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 27 | 8.10.2012 соати $9^{30}$ |
| 2655/2-761 | Шӯъбаи маорифи н. Синои ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Рахти хоб (пост. бельё)<br>Сачоқи рӯйпоккунӣ 40х80<br>Болишт | баста<br>дона<br>дона | 2500<br>2500<br>2500 | 28.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2656/2-762 | Маркази тиббии шаҳрии ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 10 | 28.09.2012 соати $10^{00}$ |
| 2547/2-733 | Беморхонаи марказии шаҳрии ш. Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 13 | 28.09.2012 соати $10^{30}$ |
| 2657/3-633 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии н. Синои ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-047-5 | Таъмири боми бинои маъмурии Комиссариати ҳарбии н. Синои ш.Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2658/3-634 | Шӯъбаи маорифи н. Фирдавсии ш.Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии гурӯҳҳо ва боми кӯдакистони №20-и ш.Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2539/3-600 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Нашрияи сертификатҳо | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 24.09.2012 соати $9^{00}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТЕНДЕРЕ

ООО «Данаев Менеджмент Консалтинг» приглашает правомочных претендентов принять участие в тендере и представить свои предложения по поставке микроавтобуса (10-12 местный) в рамках контракта «Устойчивое управления пастбищами, пахотными землями и лесными угодьями» финансируемые Азиатским Банком Развития, в рамках проекта «Развития Сельской местности».

**Заинтересованные правомочные претенденты могут получить:**

1. Дополнительную информацию о тендере по следующему адресу: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Гипрозем 15, каб. 410. Тел: (992-37) 231-19-30. Эл. почта: idonaev @ hotmail.com
2. Полный комплект документации для участия в тендере, включая технические спецификации
3. Все претенденты должны представить свои предложения в запечатанном конверте не позднее 10 часов 2 октября 2012 г. по вышеуказанному адресу. Предложения, поданные позже указанного срока, рассматриваться не будут.
4. Тендер проводится методом прямой закупки (shopping) в соответствие с процедурами Азиатского Банка Развития.


# Малҳами «ЧИСТОТЕЛ»




**Гиёҳи навчидаи «Чистотел»**

Дардро таскин медиҳад ва захмҳоро шифо мебахшад.

**ТАЪСИР: - ҳама гуна намуд, варамҳои безарари пӯст, озах, папиломаҳо, кератозаҳо** (*малҳамро бо чӯбчаи гӯгирд ба ҷойи осебдида молед. Давомнокии истифода: дар рӯю бадан 8-10 дақиқа. Боқимондаи малҳамро бо салфеткаи нам пок карда гиред*).

**- пучакҳо, панаритсийҳо** *(ним қошуқчаи малҳамро дар 100 мл. об ҳал карда, тампони докагиро ба он тар кунед ва ба ҷойи бемор ба муддати 5-10 дақиқа монед).*

**- герпес, псориаз** *(малҳамро бо чӯбчаи гӯгирд рӯзе 3-4 бор ба ҷойи осебдида молед).*

- хоришак ва сили пӯст (аз ду қошуқ малҳам дар 100 мл. маҳлул тайёр намуда, онро ба ванна резед ва хуб омехта кунед).

Бартарии малҳами (бальзам) «ЧИСТОТЕЛ» аз ЧИСТОТЕЛИ спиртӣ дар он аст, ки баъди истифода ягон доғе боқӣ намемонад.

Аз дорухонаҳо пурсед. Телефон дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: **927-49-33-47, 988-80-88-85**

Шакли истеҳсол: ҷавҳар – 20 мл. дар лӯлача. Истеҳсолкунанда - Федератсияи Россия.


## Эътибор надорад

➢ Дафтарчаи имтиҳонотии СМТ №05309-и гумшуда, ки онро филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб соли 2009 ба Одинаев Даврон додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0022204 бо РЯМ 0110002998-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 30 декабри соли 2009 ба ҶДММ «Соҳили тиҷорат» додааст, эътибор надорад.

➢ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Соҳили тиҷорат» эътибор надорад.

➢ Муҳри гумшудаи хоҷагии деҳқонии «Меҳрангез» эътибор надорад.

➢Патент оид ба фаъолияти соҳибкорӣ бо РЯМ 0330021909-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 19 феврали соли 2010 ба Акрамова Дилшода додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

➢Шаҳрванд Соҳибова Марҳамат, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0059123 бо РЯМ 1230018020 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 26 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Проект-строй», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ 63, ҳуҷраи 34, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Мавзудова Умеда Асадулоевна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0144980 бо РЯМ 1230051809 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 19 январи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров нисбати даргузашти

**ХОҲАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


# «ПОЛИКАВИН» - НЕРУИ МАРДӢ БЕ ДАВОҲОИ КИМИЁӢ




Имрӯз мушкилоти сусткамарӣ ва безуриётии мардон ба яке аз ҷойҳои аввал дар ҷаҳон баромадааст. Шурӯъ аз лаҳзае, ки шахс ба ин мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад, ӯ аз ҳама гуна воситаҳо истифода хоҳад бурд, то аз беморӣ наҷот ёбад. Аммо на ҳар даво ва на ҳамеша барои саломатӣ безарар мебошад.

Мардҳои муҳтарам! Ширкати «Биолит» воситаи беназири табиӣ – «Поликавин»-ро ба шумо пешкаш менамояд, ки махсус барои барқарор намудани неруи мардӣ истеҳсол шудааст.

«Поликавин» ҷавҳари растании топтун дар шакли хурӯшаҳо мебошад, ки дар ҳамаи куҳантарин дорухатҳо оид ба табобати безуриётӣ зикр гардидааст. Лозим ба таъкид аст, ки барои табобати безуриётии мардона онро ҳатман ҳам мард ва ҳам зан бояд истеъмол намоянд. «Поликавин» воситаи пурзӯрест ҳангоми табобати комплексии импотенсия ва безуриётӣ:

- боҳро қувват бахшида, шавқу рағбати шаҳвониро барқарор месозад;
- фаъолияти ҷинсӣ ва зидди сусткамарии синнусолиро ҳатто дар мардҳои солим низ ба низом медарорад;
- тавлиди нутфаро беҳтар мекунад;
- ҳангоми фурӯ нишастани шавқи шаҳвонӣ дар натиҷаи асабоният, афсурдаруҳӣ ва изтироб (стресс), хасташавӣ, аз он ҷумла аз корҳои вазнин;
-инчунин мардҳо ё занҳое, ки аз хунукиҳои рӯда азият мекашанд ва тез-тез пешоб мекунанд, «Поликавин» маҳсулоти беҳамтост.

Мисли дигар давоҳои кимиёӣ-дилбеҳузурӣ ё фишори хунро баланд намекунад ва инчунин кори мушакҳои дилро халалдор намесозад.

«Поликавин»-ро ҳатто пиронсолон бо боварии комил метавонанд истифода баранд, сабаб ин аст, ки безарар ва фоидаовар аст.

Мардҳое, ки барои зиёд шудани шавқу рағбати шаҳвонӣ ва ё зидди простатит истифода мебаранд, дар як сол то 4-5 маротиба метавонанд такроран аз «Поликавин» истифода баранд.

Давраи табобат: як қошуқи калон, як маротиба пеш аз хӯрок давоми даҳ рӯз. Барои безуриётӣ бошад, аз 30 то 90 рӯз истифода бурдан лозим аст.

Тарзи фурӯш: бе дорухати духтур метавонед харидорӣ кард. Истеҳсолкунанда Федератсияи Россия. Маҳсулот дорои сертификат аст.

***Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед.***
***Телефон дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: 927- 49- 33- 47.***

# «АТРОВИТ»- бальзам согревающий




«Атровит»-ро барои бемории артритҳо (буғумдард), миалгияҳо (дарди мушакҳо), невралгияҳои байниқабурғавӣ, невритҳо сарбориҳои барзиёд ва узвҳои такяву ҳаракат истифода мебаранд. Унсурҳои фаъоли малҳам таъсири баръалои зиддиилтиҳобӣ ва антисептикӣ доранд, таркибаш рагҳоро васеъ мекунад ва ангезиш ба вуҷуд оварда, ба ин тариқ беҳшавии гардиши хунро мусоидат мекунад. Истифодаи малҳам аломатҳои нотобии буғумҳоро хеле кам мекунад, дард, варам, илтиҳоб бартараф мешавад, ҳаракати буғумҳо беҳ мегардад. Омӯзиши клиникии таъсирбахшӣ ва тобоварии инфиродӣ дар муассисаҳои бонуфузи табобатӣ ва илмии Россия анҷом дода шудааст: **«Пажӯҳишгоҳи ревматологии Академияи илмҳои тибби ФР», «Маркази шаҳрии ревматологии Москва» ва ғайраҳо.**

Натиҷаҳои бадастомада таъсирбахшии баланди воситаро исбот сохтанд ва афзалияти «Артровит»-ро безарар ва одатнадиҳанда баҳо доданд. Тавсияҳо оиди истифода: ***малҳамро рӯзе ду ва ё се маротиба ба пӯсти бугуми дардманд бо ҳаркатҳои маҳскунанда молед.***

<u>*Рақам барои алоқа:*</u> **918-47-93-93, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: 92749-33-47, 988-80-88-85.**


Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Азизмат Имомов нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлсии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Руқия Қурбонова бинобар даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муовини аввали Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Сафар Сафаров нисбати фавти

**ПИСАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба муовини аввали Раиси ҲХДТ Сафаров Сафар Ғаюрович нисбати вафоти

**ПИСАРАШ**

ҳамдардӣ баён намуда, ба аҳли хонавода ва хешовандон сабри ҷамил хоҳонанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Руқия Атоевна нисбати вафоти

**МОДАРАШ**

ҳамдардии амиқ баён намуда, ба аҳли хонавода ва хешовандон сабри ҷамил хоҳонанд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 17 сентябри соли 2012, соати 17.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23842 нусха*

*Навбатдори шумора Мерганов Д.*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова